**Тақризи**

**ба рисолаи пешниҳоднамудаи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи «Таълимоти ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи иҷтимоӣ – Душанбе– 2020, 161 саҳ.**

Таҳлил ва татбиқи афкори иҷтимоии мутафаккирони ҷаҳонӣ барои дарки масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятии давраҳои гуногун кӯмак мерасонад. Мутафаккирони равшанфикр на танҳо барои рушду нумӯи маънавиву иҷтимоии давру ҷомеаи худ таъсиргузор ҳастанд, балки ба сифати таҳкурсии усулӣ барои интихоби равиши дуруст барои дарки масоили иҷтимоии давраҳои минбаъда низ мусоидат мекунанд. Ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон, ки барои барпо намудани муносибатҳои тозаи иҷтимоӣ кӯшиш дорад, таҳқиқ ва татбиқ намудани андешаҳои иҷтимоиву фалсафии мутафаккирони барҷаста дар фазои кунунӣ аҳамияти хос дорад.

Ибни Халдун яке аз чунин мутафаккирони варзидаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ки таълимоти ӯро дар бисёр ҷомеаҳои ҷаҳонӣ ҳамчун манбаи боэътимод истифода менамоянд ва ӯро ба сифати як файласуф ва ҷомеашиноси барҷаста мешиносанд. Дар ҷамъияти муосири Тоҷикистон низ аҳамияти фикру ақидаҳо, таълимоти ин донишманд басо бузург буда, омӯхтан ва татбиқ намудани онҳо ба амалиёт аз вазоифи муҳими файласуфону ҷоемашиносони имрӯзу фардо мебошад.

Мавзуи рисолаи номзадии Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин аз мавзӯъҳои бисёр мубрами рӯз буда, он "**Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон**" унвон

дорад. Рисола аз муқаддимаи муфассал, ду боб ва ҳар як боб дорои 3 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муқаддима тибқи талаботи КОА бо риояи муқаррароти стандартӣ таълиф шуда, дар 11 бахш тамоми ҷиҳатҳои кор, аз ҷумла, муҳимияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиши он, предмет, объект, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии рисола, навоварӣ, ва аҳмияти илмӣ-амалии он, сарчашмаҳо ва сохтори кор ба таври муфассал нишон дода шудааст. Дар муқаддима муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки таълимоти Ибни Халдун дар сатҳи баланди фалсафӣ қарор дорад. Яке аз хусусиятҳои равиши фикрӣ ва таҳлилии Ибни Халдун дар он зоҳир мешавад, ки роҳҳои ҳалли хеле сода, вале дақиқ барои масъалаҳои иҷтимоӣ пешниҳод мекунад ва ин қарордодҳо барои ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистон низ басо арзишманд мебошанд.

Бахши сатҳи омӯзиши мавзӯъ бисёр батафсил оварда шуда, дар он тамоми таҳқиқоте, ки доир ба ин мавзӯъ бо забонҳои гуногун таълиф гардидаанд, таҳлилу баррасӣ мегарданд. Ҳамчунин заҳмати олимони соҳа, муаллифони мақола ва рисолаҳои илмӣ доир ба ин мавзӯъ, Кара де Во Бернар, Де Боер, Рейнолд Николсон, Девид Готе, Джан· Уиляд Уорди, Шарл Раппопорт, Карадево Бернар, Рене Моне, Ив Лакост, Чарлз Иссавӣ, С. М. Батсиева, А. А. Игнатенко, А. В. Смирнов, И. Л. Алексеев, Клод Каэн, Филип Хури Хитти ва дигарон ба сифати беҳтарин таҳқиқгарони ин мавзӯъ эътироф мешаванд. Дар идомаи ин бахш корҳои таҳқиқотии олимони машриқзамин Муҳсин Маҳдӣ, Алӣ Абдулвоҳид Вофӣ, Сотеҳ Ҳусрӣ, Муҳаммадалӣ Шайх, Х. Зокиров, Б. Исоматов ва дигарон низ ба таври кофӣ баррасӣ мегарданд.

Тибқи муқаддимаи кор фаҳмида мешавад, ки рисола маълумоти дақиқеро дар бораи таъсири муҳит ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии

инсон аз назараи Ибни Халдунро дар бар мегирад, ки ин масъала дар доираи илмии Тоҷикистон хеле кам омӯхта шудааст.

Боби якум "**Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таълимоти Ибни Халдун**" унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб доир ба масоили вижагиҳои омӯзиши таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеа, таъсири атрофи муҳит ба ташаккули андешаҳои ибни Халдун аҳамияти дидгоҳ ва таълимоти Ибни Халдун дар улуми муосири иҷтимоӣ баҳс рафта, муаллиф кӯшидааст, бо баррасии ҳаматарафаи муаммо ҳадаф ва натоиҷи омӯзиши худро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намояд, ҳамчунин муҳимтарин ҷиҳатҳои дидгоҳ ва таълимоти Ибни Халдунро дар рушди илмҳои иҷтимоӣ нишон диҳад. Дар ин боб пеш аз баррасии масъалаи вижагиҳои равиши таҳлили ҳаёти ҷомеа, ки онро Ибни Халдун пайгирӣ намудааст, пояҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии ин мутафаккир матраҳ мегардад. Тибқи чунин шакли таҳлил аз ҷониби муаллифи рисола натиҷагирӣ карда мешавад, ки Ибни Халдун миёни андешаи ақлӣ ва воқеият дар ҳаракат ва фаъолияти таърихӣ –иҷтимоияш дар майдони шинохт ва амал пайванди ошкор барқарор мекунад. Ибни Халдун дар баррасиҳои масоили иҷтимоӣ ва таърихӣ баъзан ба табақабандии воқеиятҳо ва ахборот мепардозад, ки нишондиҳандаи мавҷудияти баҳси табақабандии илмӣ дар осори ӯст.

Муаллиф дар идомаи ин андешаҳо ба баҳси вижагиҳои омӯзиши таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеа пардохта, иброз медорад, ки дар шинохти вижагиҳои методологии Ибни Халдун равишҳои мушоҳидавӣ, муқоисавӣ, сабабгарой ва мутобиқати хабари таърихӣ бо воқеияти таърих ҷойгоҳи бештаре дорад. Бо таҳлили ҳамин равишҳои муҳими таълимоти Ибни Халдун фасли аввали боби мазкурро хотима мебахшад. Ҳамчунин ба натиҷае расида мешавад, ки

бештари равишҳои пешниҳодшудаи Ибни Халдун дар асоси тавзеҳ ва интиқодҳое, ки ӯ нисбат ба гузаштагони худ баёну истинбот кардааст, ба вуҷуд омадааст.

Дар фасли дуюми ин боб таъсир ва мақоми муҳит дар ташаккули андешаҳои Ибни Халдун оид ба ҷомеа омӯхта мешавад. Маълум, ки шаклгирии андеша аз рафторҳои хосе, ба монанди муҳит, дигаргуниҳои иҷтимоии дарунию берунӣ ба тағйироти фикрӣ вобастагӣ дорад ва мутаассир мешавад. Дар такя ба ин андеша дар рисола риштаи баҳс ба муҳити зист, хонавода ва омилҳои таъсиркунанда ба равони Ибни Халдун пайваст мегардад. Тибқи он маълум мегардад, ки хонадон ва наслу насаби Ибни Халдун ба аъроби ямании Хадрамавт нисбат дорад. Аждодаш бо корҳои сиёсӣ, илмӣ, адабӣ машғул буданд ва падараш тамоми шароити лозимаро барои рушди фикрию ахлоқии фарзандаш фароҳам оварда буд ва Ибни Халдун дар як муҳити илмиву адабӣ ба камол мерасад. Ҳамчунин ӯ беш аз бист сол дар ҳаёт сиёсии кишвари худ саҳмгузор ва бо ҳокимон, вазирон ва дигар афроди бонуфузи замони худ ҳамнишаст буда, ҳамзамон рӯзҳои сахтеро низ аз сар гузаронидааст. Ибни Халдун олими забардасте буда, ки рисолати худро дар ҷустуҷӯи таҳқиқи таърих медид.

Дар фасли мазкур зиндагинома, муҳити зист, сиёсат, фарҳанг, илм ва омилҳои дигари таъсиркунандаи рӯзгори Ибни Халдун омӯхта шуда, аҳамият ва таъсири ин омилҳо афкору ҷаҳонбинии ин донишманд баррасиву таҳлил мегардад. Ҳамчунин таъсири таълимоти мутафаккирони Форобӣ, Ибни Сино, Ғазолӣ, Ибни Ҳайсам, Абулҳасан Масъудӣ, Ибни Асир ба андешаҳои Ибни Халдун ба таври муфассал ба риштаи таҳлил кашида мешавад ва умумият ва тафовути хулосаҳои Ибни Халдун бо ин файласуфон бозгӯ мегардад. Дар

натиҷаи таҳқиқи муҳит ва замони зисти Ибни Халдун ва таъсирпазирии ӯ аз мутафаккирони пешин ба чунин натиҷа расида мешавад, ки Ибни Халдун аз оила, муҳити атроф, ҷомеа, ҳамчунин аз навиштаҳо, назарияҳо ва андешаҳои донишмандони таърихӣ оқилона баҳра бурдааст, вале худ низ фикри тоза, методҳои навро дар ин ҷода иброз намудааст .

Дар фасли сеюм **аҳамияти дидгоҳ ва таълимоти Ибни Халдун дар улуми муосири иҷтимоӣ** омӯхта мешавад. Воқеан, Ибни Халдун яке аз мутафаккиронест, ки ба улуми муосири иҷтимоӣ таъсири назаррасе расонидааст. Ҳам дар илми ҷомеашиносии шарқ ва ҳам дар илми ҷомеашиносии ғарб таъсири фаровоне аз осор ва андешаҳои Ибни Халдун ба назар мерасад, ки рисоланавис Аркомиддинзода Ш. ин масъаларо дар фасли мазкур ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Аз ҷумла, таъсирпазириҳои Хаммер Пругштал (олмон), Шултс Алберт (франсуз), Вилём (ирланд), Вико Ҷамбатиста (итолян), Михаил Бакунин, Карл Маркс, Арнолд Тойнб, Жан Боден ва дигарон дар кутуби илмии худ аз Ибни Халдун доир ба соҳаҳои гуногуни улуми ҷомеашиносӣ бисёр дақиқ ба назар мерасад. Дар асоси таҳлили кутуби чанд тан мутафаккирони муосир мақом ва саҳми андешаҳо ва осори Ибни Халдун ба илмҳои муосири ҷомеашиносӣ баррасӣ гардида, Ибни Халдун ҳамчун мутафаккире муаррифӣ карда мешавад, ки дидгоҳаш ҷойгоҳи хос дар улуми ҷомеашиносӣ дошта, ба дониши муосири иҷтимоӣ таъсири зиёд расонидааст.

Бо баррасии чунин муаммоҳо доир ба шахсият, мақом ва андешаҳои Ибни Халдун боби аввал дар ҳаҷми 3 фасли алоҳида хотима меёбад.

Боби дуюм "**Равишҳои амалии таҳлили омилҳои таъсиргузор ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон дар таълимоти Ибни Халдун**" номгузорӣ шуда, дар 3 фасли алоҳида муҳимтарин масъалаҳои доир

ба ин мавзӯъ тадқиқ карда мешавад. Воқеан, инсон дар ҷамъият камол меёбад, бо нерӯи андешааш рафторҳои худро назм мебахшад ва бо кӯшиш ва меҳнат барои ба даст овардани ризқу рӯзӣ талош меварзад. Тибқи боби мазкур муаллифи рисола Аркомиддинзода Ш. А. нишон додааст, ки ба ақидаи Ибни Халдун ақли инсон се марҳила дорад: якум, ақли ҷудокунанда (ҳиссӣ), ки ҳодисаҳоро дар қолаби тасаввурот дарёфт мекунад. Дувум, ақли таҷрибӣ, ки мувофиқи он инсон бо ақлу андеша аз одоби зиндагӣ баҳраманд мешавад в адар рафотори худ аз он истифода мекунад ва сеюм, ақли назарӣ аст, ки он таркибе аз ақли ҳиссӣ ва ақли таҷрибӣ аст.

Дар фасли якум, **назарияи Ибни Халдун оид ба мартабаи омилҳои таъсиргузор ба сифатҳои иҷтимоии инсон** баррасӣ мегардад. Муаллиф зикр мекунад, ки Ибни Халдун шаклгирии ҷомеаро амри ҳатмӣ ва зарурӣ мешуморад ва ба ақидаи ӯ дар ин ҷараён сабабҳои асосии ҳалкунанда аз инҳо иборат аст: асабият, давлат, иқтисод, омӯзиш ва ғайра. Ҳамчунин ба ақидаи ӯ, иқтисод дар фаҳми ҳаёти сиёсӣ, динӣ, иҷтимоию ахлоқии ҷомеа таъсири асосӣ дорад. Аркомиддинзода Ш. А. илман асоснок менамояд, ки Ибни Халдун дидгоҳҳое дар заминаи робитаи андешаву дониш бо ҷомеа, табақабандии улум, ҷомеашиносӣ ва ғайра дорад, ки онҳоро метавон омилҳои таъсиргузор ба сифатҳои иҷтимоии инсон донист.

Фасли дуюми боби дуюм “**Таҳлили таъсири вижагиҳои муҳити табиӣ ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз нигоҳи Ибни Халдун**” унвон дошта, дар он таъсири муҳити табиӣ, омилҳои марбути муҳити табиӣ дар шаклгирии иҷтимоии инсон ба риштаи баҳс кашида мешавад ва ин масъала аз назари Ибни Халдун баён мегардад. Дар мавриди масъалаи мазкур Ибни Халдун муҳити бодиянишинон ва шаҳрнишинонро ҷудо мекунад ва андеша дорад, ки

тарзи зиндагии ин ду тоифа дар ташаккулии иҷтимоии инсонҳо мақоми махсус дорад. Дар рисола ҳамин ақидаи Ибни Халдун муфассал таҳлилу баррасӣ мегардад. Ҳамчунин дар мавриди таъсири муҳоҷират ҳамчун муҳити табиӣ ба ҷаҳонбинии инсон, сабабҳои марг, олудагии ҳаво ва дигар ҳолатҳо баҳс ороста, хулосаҳои худро баён намудааст. Дар қисмати хулосаи ин фасл Аркомиддинзода Ш. зикр месозад, ки яке аз муҳимтарин назарияҳои Ибни Халдун дар мавзӯи таъсири муҳит ба сифатҳои иҷтимоии инсон ин баҳс аз миқдори ҷамъият ва таъсири ҷамъият ба муҳити табиат, олудагӣ ва покии ҳавову табиат аст. Муаллифи рисола бо баёни чандин ҷиҳатҳои мусбати назарияҳои Ибни Халдун доир ба мавзӯи мазкур ӯро ҳамчун пешгомтарин назарияпардоз дар заминаи масъалаҳои шаҳрдорӣ ва ҳамчунин ҷомешиноси шаҳрӣ медонад.

Фасли сеюми боби дуюм "**Идомати минбаъдаи равиши табиатгароии Ибни Халдун дар таҳлили ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон**" номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл муаллиф дуруст қайд мекунад, ки Ибни Халдун омили ҷуғрофиро дар тағйири падидаҳои иҷтимоӣ хеле муҳим ва муассир мешуморад. Ба назари ӯ вижагиҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии инсонро маҳсули муҳити зист аст ва таъсири ирсиро дар ин масъала дохил намедонад. Муаллифи рисола бо овардани андешаҳои файласуфону донишмандони барҷастаи ҷаҳонӣ Суқрот, Афлотун, Арасту, Форобӣ, Ибни Сино доир ба масъалаи мазкур бо ғояҳои Ибни Халдун пайванд медиҳад ва ба таҳлили қиёсӣ мепардозад. Аз таҳлилу баррасиҳо дар ин фасл илман ва асоснок чунин натиҷабардорӣ карда мешавад, ки Ибни Халдун яке аз донишмандони аввалин аст, ки дар мавриди нақши ҷуғрофӣ ва муҳити табиӣ дар зиндагии инсон ва осори он дар низоми иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқу фикр ва сабки илмӣ баҳс кардааст ва қонунҳои онро

кашф кардааст. Донишмандони дигар оро ва назарияҳои ӯро такмил додаанд.

Ҳамин тавр, рисолаи илмии Аркомиддинзода Ш. доир ба таълимоти Ибни Халдун дар ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон бо таҳлилҳо ва баҳсҳои илмӣ  ба қисмати хулосавиаш мерасад. Хулоса дар ҳаҷми 6 саҳифа бо натиҷабардорӣ аз ҳар як фаслу боб ба вуҷуд омада, хулосаҳои муҳими илмӣ аз рисола бардошта шудааст.

Дар рисола  баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо  бар манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

а)  Дар матн ва повараќи рисола чанд хатоҳои имловӣ ва техникӣ ба назар расиданд, ки ислоҳи он дар муддати кӯтоҳ имконпазир мебошад.

б) Бознигарӣ ба қисмати феҳрасти адабиёти истифодашуда ва ислоҳи баъзе норасоиҳои он низ бар беҳбудии кор хоҳад буд.

Бо назардошти ҳамаи ҷиҳатҳои илмӣ, услубӣ ва баёнии кор рисолаи мазкурро метавон шоистаи дифоъ ва муаллифи онро арзандаи унвони номзади илмҳои фалсафӣ донист.

**Муқаррizи расмӣ:** **доктори илмҳои фалсафӣ,**
**профессор Пӯлотов Аслиддин  Ҳамидович**

**Имзои А. Пӯлотовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳои МДТ**
**“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров”** **З. Ашрапова**